# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 3 декабри соли 2004 № 482 ш. Душанбе

## ДАР БОРАИ ТАСДИҚИ НИЗОМНОМАИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ

Мувофиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба бехатарии радиатсионӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1.Низомномаи замимагардидаи танзими давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ тасдиқ карда шавад.

2.Агентии бехатарии ядроӣ ва радиатсионии назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои ин Низомномаро таъмин созад ва дар мӯҳлати се моҳ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Низомномаи шӯрои байнииидоравӣ доир ба таъмини бехатарии радиатсионӣ ва ҳайати онро барои тасдиқ пешниҳод намояд.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Э. Раҳмонов**

Бо Қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «3» декабри соли 2004
№ 482 тасдиқ шудааст.

# НИЗОМНОМАИ
# ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ

1.Мақоми танзимгари давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи банди 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ» Агентии бехатарии ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Агентӣ) мебошад.

2.Ин Низомнома тартиби танзими давлатиро дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ муайян мекунад, таҳия ва ташкили иҷрои тадбирҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ ва ҳуқуқиро, ки барои фароҳам овардани шароитҳои ҳифзи ҳаёт ва тандурустии одамон аз таъсири зараровари нурҳои ионзо чӣ дар шароити мӯътадили фаъолияти ядроӣ, чӣ ҳангоми рух додани садамаҳои радиатсионӣ равона шудаанд, дар бар мегирад.

3.Танзим дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ маънои зайлро дорад – амалӣ гардидани системаи тадбирҳо оид ба огоҳии пешакӣ, ошкор ва пешгирии вайрон кардани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла иҷозатномадиҳӣ барои навъҳои дахлдори фаъолият, тафтишу назорати ташкилотҳо ва муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, меъёрбандии давлатӣ, муқаррар кардан ва такмили принсипҳо ва меъёрҳо, ки бехатарии радиатсиониро нишон медиҳанд.

4.Барои баррасии дастаҷамъонаи масъалаҳои танзими давлатӣ дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ Шӯрои байниидоравӣ таъсис дода мешавад ва

Низомномаи ин Шӯро ва ҳайати онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

5.Мақоми танзимгари давлатӣ оид ба таъмини бехатарии радиатсионӣ дар ҷараёни фаъолияташ мувофиқи Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ», қонунҳои дигар ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байнал-миллалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, ва ҳамин Низомнома амал мекунад.

6.Мақоми танзимгари давлатӣ оид ба таъмини бехатарии радиатсионӣ фаъолияти худро дар ҳамкории муштарак бо дигар мақомоти ваколатдор - вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тавассути амалҳои зайл анҷом диҳад:

- ташкили иҷрои сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ;

- таҳияи чорабиниҳо оид ба ҳимояи радиатсионӣ; қабули иқдомоти лозимӣ доир ба таъмини бехатарии радиатсионӣ дар ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсозии иҷро ва назорати он иқдомот ; дар асоси баҳодиҳии вазъи радиатсионӣ, пешкаш намудани маълумоти зарурӣ барои қабули қарорҳо доир ба чорабиниҳое, ки ба паст кардан ё қатъ гардонидани нурбороншавӣ ҳангоми садамаҳои радиатсионӣ меоваранд;

- додани иҷозатномаҳо бо навъи фаъолиятҳое, ки ба истифодаи манбаъҳои радиоактивӣ алоқаманданд;

- мувофиқи тартибҳои муқарраршуда тасдиқ кардани меъёр ва қоидаҳои сохтмонӣ, қоидаҳои ҳифзи меҳнат, ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳанда, дастурӣ, методӣ ва ғайра оид ба масъалаҳои бехатарии радиатсионӣ;

-назорат ва бақайдгирии дозаҳои нурборон-шавии шахсӣ;

- муайян кардани андоза ва сарҳадҳои минтақаҳои беҳдоштиву ҳимоятӣ ва минтақаҳои мушоҳида дар ноҳияҳои ҷойгиршавии объектҳое, ки манбаъҳои радиоактивиро истифода мебаранд;

- назорат ва таъмини амнияти маводҳои радиоактив;

- таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стандарт-ҳо, муқаррарот, дастурҳо ва тавсифот оид ба масъалаҳои бехатарии радиатсионӣ ва амалӣ гардонидани онҳо мувофиқи тартиботи муқарраршуда;

- дар амал татбиқ кардани дастовардҳои илмию техникӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ;

- муайян намудани самтҳои афзалиятдор ва барнома-ҳои илмию тадқиқотӣ дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ, барномаҳои тайёр кардани мутахассисон ва такмили ихтисоси онҳо;

- муайян кардани талабот оид ба таъмини омодагии садамавии дорандагони иҷозатномаҳо ва назорати иҷрои ин талабот, назорат, баҳодиҳӣ ва маҳдуд кардани нурбороншавии радиоактивии шахсон;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти шабакаи радиатсионии миллии мониторинг ва мубодилаи ахбори байналмилалӣ оид ба вазъияти радиатсионӣ;

- таъсиси комиссияҳои махсуси давлатӣ барои тафтиши коршоямии касбии коркунони масъул дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ ва муайян кардани навъи фаъолиятҳое, ки бевосита ба бехатарии радиат-сионӣ таъсир мерасонанд;

- ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои илмию тадқиқотӣ ва корҳое, ки бо манбаъҳои нурҳои ионзо алоқамандананд;

- роҳбарӣ ба кори системаи давлатии қайди доранда-гони иҷозатнома, кори ҳаводорони воридот ва содироти манбаъҳои нурҳои ионзо, нурборон-

шавии аҳолӣ ва шахсони алоҳидае, ки дар фаъолияти худ бо манбаъҳои нурҳои ионзо сару кор доранд;

- пешниҳоди ахборот ба аҳли ҷамъият оид ба натиҷаҳои фаъолияти худ, агар он сирри давлатӣ, хизматӣ ё тиҷоратӣ надошта бошад ва таҳияи ҳисоботи солона оид ба фаъолияти худ ва пешниҳоди он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар ҳоли зарурат таъсис додани Шӯроҳои машваратии мустақил ва ҷалб намудани мутахассисон барои расонидани кӯмаки коршиносӣ ба Агентӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки бо манбаъҳои нурҳои ионзо (дар оянда МНИ) кор мекунанд;

- дар фаъолияти танзимгарии худ асоснок кардани системаи даромадҳо (пардохтҳо), ки ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд;

- дар ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ ва дар амалияи дорандагони иҷозатномаи манбаъҳои нурҳои ионзо татбиқ кардани шартномаҳои байнамилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳои байналмилалӣ дар ин соҳа;

- ҷалб намудани мушовирон ва мутахассисон барои кӯмаки коршиносӣ расонидан зимни таъмини фаъолияти литсензионӣ ва назоратии Агентӣ дар мавриди омода сохтани машқҳо ва ҳангоми ба вуҷуд омадани вазъиятҳои садамавӣ.

7.Агентӣ зимни иҷрои вазифаҳои мақоми танзимгари давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ ҳуқуқ дорад:

- аз дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ ва муассисаҳо ахбори заруриро дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ дархост кунад;

-мувофиқи тартиби муқарраршуда мутахассисони мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои дигарро барои иштирок кардан дар гузаронидани санҷиши

барномаҳои илмӣ – техникӣ ва лоиҳаҳо, инчунин барои тафтишот ҷалб кунад;

- дар ҳолатҳои хатарнок ё ҳангоми ба вуҷуд омадани вазъиятҳое, ки аз нуқтаи бехатарии радиатсионӣ ва омодагии садамавӣ ташвишовар мебошанд, чорабиниҳои таъҷилие қабул кунад, ки шахси масъулро барои боздошти кор бо манбаъҳои нурҳои ионзо ё партовҳои радиоактив водор созад, ё дорандаи иҷозатномаро вазифадор кунад, ки ӯро ба шахси дигари масъул иваз кунад;

- ба вазоратҳо ва идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо оид ба боздошти амал, тағйир ё бекор кардани қарорҳои онҳо оид ба масъалаҳое, ки бар хилофи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ» қабул карда шудаанд, мувофиқи тартиботи муқарраршуда пешниҳод манзур намояд.

8.Коркунони назораткунандаи Агентӣ нозирони бехатарии радиатсионии Агентӣ мебошанд (минбаъд нозир). Нозир шахсе буда метавонад, ки аз нуқтаи назари ҳуқуқ босалоҳият ҳисоб ёбад, маълумоти олии дахлдор ва собиқаи кори касбии на камтар аз се сол дошта бошад. Нозир бояд кордони соҳаи назорати худ бошад ва талаботи қонунгузориро ҳатман иҷро кунад.

9. Нозиронро директори Агентӣ таъин мекунад.

10.Директори Агентӣ ва нозирон дар чорчӯбаи фаъолияти назоратиашон дар қатори ҳуқуқҳое, ки аз амрномаҳои махсус бармеоянд, боз ҳуқуқ доранд:

- риояи талабот, лимит ва шароитҳои бехатарии радиатсионӣ ва омодагии садамавиро назорат кунанд;

- иҷрои шароитҳои бехатарии радиатсионӣ ва омадагии садамавиро ҳангоми истифодаи таҷҳизот бо МНИ талаб кунад;

- санҷишҳо гузаронанд ва аз шахси назорат-шаванда намунаҳоеро гиранд, ки барои назорат

кардани иҷрои меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ лозим мебошанд;

- назорати физикии МНИ, аз ҷумла назорати қайди онҳоро ба амал бароранд;
- коршоямии касбии махсуси шахсони масъулро, ки бо манбаъҳои радиоактивӣ кор мекунанд, санҷанд;
- ба дохили ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, ки дар он ҷо ба фаъолияти бо истифодаи МНИ алоқаманд ё бо навъи фаъолияте, ки ба нурбороншавӣ меоварад, машғуланд, бемалол ворид шаванд ва аз онҳо дар ҳудуди салоҳияти худ ахбори заруриро дар соҳаи таъмини бехатрии радиатсионӣ бигиранд;
- дар мавриди риоя накардани стандартҳо ва меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ аз тарафи истифодабарандагони МНИ, амали иҷозатномаи онҳоро боздоранд;
- то анҷом додани чорабиниҳои зарурӣ ва гирифтани иҷозати хаттии мақоми танзимгар истифодаи МНИ – ро манъ кунанд;
- дар таҳқиқи барҳам додани ҳодисаҳо, аз ҷумла истифодаи ғайриқонунии МНИ ва омодагии садамавӣ иштирок кунанд ва аз шахсони назоратшаванда дар мӯҳлати муайян бартараф кардани вайронкориҳои ошкоршударо талаб кунанд;
- шахсони назоратшавандаро ӯҳдадор кунанд, ки тафтишҳои техникӣ, баррасӣ ё озмоиши коршоямии таҷҳизот, қисмҳои онҳо, системаҳо ё маҷмӯи онҳоро гузаронанд, агар ин амалҳо барои тасдиқи бехатарии радиатсионӣ лозим бошанд;
- дархост дар бораи маҳрум кардани ваколати шахси масъулро, ки вазифаҳои худро вайрон кардааст ва ё вазъи саломатӣ ва малакаи касбиаш ҷиҳати иҷрои муносиб нест, пешниҳод намоянд;

оид ба вайрон кардани талаботи меъёр ва қоидаҳои бехатарии радиатсионӣ протокол тартиб диҳанд;

11.Ба директори Агентӣ дар қатори салоҳиятҳои дар банди 10 ҳамин Низомнома муайяншуда ваколатҳои иловагии зайл дода мешавад:

- дар мавриди вайрон кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ оид ба бастани ҷарима ва ё оид ба боздоштани амали объектҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии одамон ва муҳити атроф хавфи радиатсионӣ доранд, қарори асосноке барорад;
- манфиатҳои Агентиро дар ташкилотҳои болоӣ, давлатӣ, ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ муаррифӣ кунад;
- барои ташкили корҳои ба амал баровардани қонунгузорӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ шахсан масъул мебошад.

12.Ҳуҷҷатҳои ташкилию танзимии директори Агентӣ инҳоянд:

- фармонҳо; қарорҳо; фармоишҳо; огоҳномаҳо.

13.Барои вайрон кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ директори Агентӣ маводҳоро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати ба ҷавобгирии маъмурӣ, моддӣ ва ҷиноятӣ кашидан пешниҳод менамояд.

14.Маблағи аз ҷаримаҳо ҷамъшуда ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешавад.

15. Агентӣ дар ҳудуди салоҳияташ метавонад:

- системаи давлатии ягонаи назорат ва бақайдгирии дозаҳои нурбороншавии аҳолиро ташкил диҳад ва амали онро таъмин намояд;
- таҳлили ҳолати техникӣ ва бехатарии радиатсиониро дар истеҳсолот ва объектҳои аз ҷиҳати радиатсионӣ хатарнок гузаронад;

- лоиҳаҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои лоиҳавию техникӣ, равиши сохтмони истеҳсолот ва объектҳои аз ҷиҳати радиатсионӣ хатарнок ва воситаҳои нақлиётеро, ки манбаъҳои нурҳои ионзоро мекашонанд, дар бобати мувофиқ буданашон ба талаботи бехатарии радиатсионӣ аз экспертизаи техникӣ мегузаронад;

- барои анҷом додани навъҳои фаъолият, ки хатари имконпазири радиатсионӣ доранд, мувофиқи қоидаҳои муқарраршуда иҷозатномаҳо диҳад;

- риояи талаботи қонунгузории амалкунанда, қоидаҳои бехатарии радиатсионӣ, иҷрои иҷозатномаҳо, омодагии ташкилот ва қисмҳои махсусро барои маҳдуд кардани вазъи садамавӣ тафтиш намояд;

- тафтиши дониши мутахассисонеро, ки бо манбаҳои радиатсионӣ сару кор доранд, мувофиқи қоидаҳои қонунгузорӣ (меъёрҳо ва қоидаҳои бехатарии радиатсионӣ, аз як ҷо ба ҷои дигар бурдани борҳои хатарнок ва ғайра) ташкил кунад;

- бақайдгирӣ ва назорати давлатии МНИ, аз ҷумла партовҳои радиоактивиро ба роҳ монад;

- амалиёти бехатарӣ системаҳои гӯронидани партовҳо ва ғайри фаъол кардани онҳоро таъмин намояд;

- дар ҳудуди салоҳияти худ ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ, ҳамкории касбиро бо Агентии байналмиллалӣ оид ба энергияи атомӣ (АБЭА) амалӣ гардонад;

- дигар вазифаҳоеро, ки ҳамин Низомнома пешбинӣ кардааст, амалӣ созад.

16.Мақомоти ваколатори давлатӣ, ки назорати соҳаи таъмини бехатарии радиатсиониро амалӣ мегардонанд, Хадамоти санитарии эпидемиологии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи Давлатии ҳифзи

муҳити зист ва хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

17.Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи Сарҳади давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои худро дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионии аҳолӣ мувофиқи салоҳияти худ иҷро мекунанд.

Ин вазифаҳо дар низомномаҳои мақомоти ҷумҳуриявии идораҳои давлатии номбаршуда пешбинӣ карда мешаванд.